# СОЗИШНОМАИ ИЛОВАГӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ САРҲАДИ ДАВЛАТИИ ХИТОЙ ВА ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ин пас «Тарафҳои Аҳдкунанда» номида мешаванд,

ба мақсади дақиқ ва муайян намудани гузариши хати ҳамоҳангшудаи сарҳади давлатии Хитой ва Тоҷикистон байни нуқтаи чордаҳум ва ниҳоии марзӣ мувофиқи моддаи 3 Созишнома байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарҳади давлатии Хитой ва Тоҷикистон аз 13 августи соли 1999

ва илова ба Созишномаи мазкур,

ба мувофиқати зер расиданд:

## Моддаи 1

Хати сарҳади давлати байни Тоҷикистону Хитой аз нуқтаи чордаҳуми марзии вай, ки дар моддаи 2 Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Хитой аз 13 августи соли 1999 тавсиф шудааст, бо теғаи қаторкӯҳи Сарикӯл ба самти умумии ҷанубу шарқ аз тариқи баландии бо нишонаи 4927.0 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 4934), қуллаи кӯҳи Майҷилға бо нишонаи 5201.0 (дар харитаи хитоӣ – баландии беном) ва баландии бо нишонаи 5208.0 (дар харитаи хитоӣ – баландии Маицзилэгацяоку бо нишонаи 5212) то баландии бо нишонаи 5176.0 (дар харитаи

хитой – баландии Тоташицяоку бо нишонаи 5127) меравад, сипас ба самти умумии шарқ аз тариқи баландии бо нишонаи 4866.7 (дар харитаи хитой –баландии бо нишонаи 4866) то қуллаи кӯҳи Курбанкиштитау бо нишонаи 5020.5 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 5017) меравад, сипас гардиш намуда, ба самти умумии шимол аз тариқи баландии бо нишонаи 4645.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4945) ва ағбаи Будабел бо нишонаи 4251.4 (дар харитаи хитой - ағбаи Кужибанкасидабан бо нишонаи 4251) то баландии бо нишонаи 4433.2 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4433) меравад, сипас гардиш намуда, ба самти умумии шарқ то баландии беном меравад, сипас гардиш намуда ба самти умумии шимол то нуқтаи марзии понздаҳум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар зингаҳи беном дар теғаи қаторкӯҳи Сарикӯл дар масофаи тақрибан 11,7 км ба шимолу ғарб аз баландии бо нишонаи 5038.1 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5036), ки дар қаламрави Тоҷикистон аст, тақрибан 1,4 км ба ҷанубу ҷанубу ғарб аз ағбаи Чугулдай бо нишонаи 4456.4 (дар харитаи хитой - ағбаи Цюлудайдабан бо нишонаи 4456) ва такрибан 8,3 км ба шарқу ҷанубу шарқ аз баландии бо нишонаи 4230, ки дар қаламрави Хитой ҳастанд, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи понздаҳуми марзӣ хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо хати рост ба самти шарқу ҷанубу шарқ то қуллаи кӯҳи Шерконтай бо нишонаи 4395.0 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 4395) меравад, сипас равиши худро бо хати рост ба самти шарқу ҷанубу шарқ то баландии бо нишонаи 4320.3 (дар харитаи хитой - баландии беном) дар теғаи шохакӯҳи беном идома дода,

сипас бо хати рост ба самти ҷанубу шарқ то нуқтаи марзии шонздаҳум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар баландии беном дар теғаи шохакӯҳи беном дар масофаи тақрибан 6,8 км ба шимолу шарқ аз баландии бо нишонаи 5038.1 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 5036) ва тақрибан 5,6 км ба шимол аз қуллаи кӯҳи Охуру бо нишонаи 4813.3 (дар харитаи хитоӣ – бо нишонаи 4811), ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳастанд, тақрибан 2,9 км ба ҷанубу ҷанубу ғарб аз баландии бо нишонаи 4324.0 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 4255), ки дар қаламрави Хитой аст, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи шонздаҳуми марзӣ хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо теғаи шохакӯҳи беном ба самти умумии шарқ аз тариқи қуллаи кӯҳи Туз бо нишонаи 4551.0 (дар харитаи хитоӣ– бо нишонаи 4507) то нуқтаи марзии ҳафдаҳум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар баландии беном дар теғаи шохакӯҳи беном дар масофаи тақрибан 7,9 км ба шимолу шарқ аз баландии бо нишонаи 5038.1 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 5036) ва тақрибан 5,4 км ба шимол аз кӯҳи Охуру бо нишонаи 4813.3 (дар харитаи хитоӣ – бо нишонаи 4811), ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳастанд, тақрибан 3,1 км ба ҷанубу ҷанубу шарқ аз баландии бо нишонаи 4324.0 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 4255), ки дар қаламрави Хитой аст, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи ҳафдаҳуми марзӣ хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо хати рост ба самти ҷанубу шарқ то нуқтаи марзии ҳаждаҳум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар баландии Қаросу бо нишонаи 4412.2 (дар харитаи хитоӣ- баландии беном) дар теғаи шохакӯҳи беном дар масофаи тақрибан 7,1 км ба шимолу шимолу

шарқ аз қуллаи кӯҳи Шарҷима бо нишонаи 4325.3 (дар харитаи хитой- бо нишонаи 4325), ки дар қаламрави Тоҷикистон аст, ва тақрибан 9,6 км ба ғарб аз баландии бо нишонаи 4400.1 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 4395), тақрибан 2,9 км ба ҷанубу ғарб аз баландии бо нишонаи 4513.2 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 4512), ки дар қаламрави Хитой ҳастанд, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи марзии ҳаждаҳум хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо хати рост ба самти шарқу ҷанубу шарқ то нуқтаи марзии нуздаҳум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар баландии бо нишонаи 4534.0 (дар харитаи хитоӣ - баландии беном) дар теғаи шохакӯҳи беном дар масофаи тақрибан 12,5 км ба шарқу шимолу шарқ аз қуллаи кӯҳи Шарҷима бо нишонаи 4325.3 (дар харитаи хитоӣ – бо нишонаи 4325) ва тақрибан 7,5 км ба шимолу шимолу ғарб аз қуллаи кӯҳи Қаротош бо нишонаи 4976.5 (дар харитаи хитоӣ - баландии бо нишонаи 4976), ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳастанд, тақрибан 8,3 км ба шарқу ҷанубу шарқ аз баландии бо нишонаи 4513.2 (дар харитаи хитоӣ – баландии бо нишонаи 4512), ки дар қаламрави Хитой аст, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи нуздаҳуми марзӣ хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо теғаи шохакӯҳи беном ба самти умумии шарқу ҷанубу шарқ аз тариқи баландии беном (дар харитаи хитоӣ - баландии бо нишонаи 4829) ва баландии бо нишонаи 4899.2 (дар харитаи хитоӣ – баландии беном) то нуқтаи марзии бистум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар баландии беном дар теғаи кӯҳҳои Қаротош (дар харитаи хитоӣ – кӯҳҳои Каротош) дар масофаи тақрибан 5,2 км ба шимолу шарқ аз қуллаи кӯҳи Каротош бо нишонаи 4976.5 (дар

харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4976), ки дар қаламрави Тоҷикистон аст, тақрибан 2,9 км ба шимолу шимолу ғарб аз баландии бо нишонаи 5111.2 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5110) ва тақрибан 1,1 км ба ҷанубу ғарб аз баландии бо нишонаи 5024.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4957), ки дар қаламрави Хитой ҳастанд, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи бистуми марзӣ хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо теғаи шохакӯҳи беном ба самти умумии ҷанубу ҷанубу ғарб аз тариқи баландии бо нишонаи 5122.0 (дар харитаи хитой – баландии беном) то зингаҳи беном меравад, сипас гардиш намуда, бо теғаи кӯҳҳои Саритош ба самти умумии чанубу ҷанубу шарқ то баландии бо нишонаи 4944.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4943) меравад, сипас бо теғаи кӯҳҳои Саритош ба самти умумии ҷануб то нуқтаи марзии бисту як меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар хати миёнаҷои мачрои дарёи хушкшавандаи Шатпут дар масофаи тақрибан 10,1 км ба шарқ аз баландии бо нишонаи 5247.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5246) ва тақрибан 2,4 км ба шимолу шимолу шарқ аз қуллаи кӯҳи Дастор, бо нишонаи 4603.0 (дар харитаи хитой – 4602), ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳастанд, тақрибан 10,6 км ба ғарбу шимолу ғарб аз баландии бо нишонаи 4906.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4905), ки дар қаламрави Хитой аст, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи марзии бисту якум хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой ба самти умумии ҷануб ҳамон тавре ки бо хати сурх дар харитаҳои Тарафҳои Аҳдкунанда тасвир ёфтааст, [роҳи саҳроӣ (дар харитаи хитой – пайраҳа) - ро дар қаламрави

Тоҷикистон гузошта] то нуқтаи марзии бисту дуюм меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар талвеги сойи беном дар масофаи тақрибан 4,9 км ба шарқу ҷанубу шарқ аз баландии бо нишонаи 5081.1 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5082) ва тақрибан 3,7 км ба шимолу шимолу шарқ аз қуллаи кӯҳи Ҷонтик бо нишонаи 4375.0 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 4345), ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳастанд, тақрибан 5,4 км ба ҷанубу ғарб аз баландии бо нишонаи 4822.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4821), ки дар қаламрави Хитой аст, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи марзии бисту дуюм хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой гардиш намуда, бо талвеги сойи беном ба самти умумии шарқ то хати миёнаҷои маҷрои дарёи хушкшавандаи Понғазҷилға меравад, сипас ба муқобили ҷараён бо хати миёнаҷои маҷрои вай ба самти умумии шарқ то нуқтаи буриши хати миёнаҷои маҷрои ин дарё бо хати миёнаҷои маҷрои шохоби хушкшавандаи ҷанубии он меравад, сипас ба муқобили ҷараён бо хати миёнаҷои маҷрои ин шохоб ба самти умумии шарқу ҷанубу шарқ то нуқтаи марзии бистусеюм меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар ағбаи беном (дар харитаи хитой – зингаҳи беном) дар теғаи қаторкӯҳи Сарикӯл дар масофаи тақрибан 10,0 км ба шарқ аз қуллаи кӯҳи Ҷонтик бо нишонаи 4375.0 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 4345), ки дар қаламрави Тоҷикистон аст, тақрибан 6,1 км ба ҷануб аз баландии бо нишонаи 4906.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4905) ва тақрибан 7,3 км ба ҷанубу шарқ аз баландии бо нишонаи 4822.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4821), ки дар қаламрави Хитой ҳастанд, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи марзии бисту сеюм хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо теғаи қаторкӯҳи Сарикӯл ба самти умумии ҷануб аз тариқи баландии бо нишонаи 4484.7 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 4484) то нуқтаи марзии бисту чорум меравад. Ин нуқтаи марзӣ дар ағбаи Кулма бо нишонаи 4362.7 (дар харитаи хитой - ағбаи Колэмайдабан бо нишонаи 4362), дар масофаи тақрибан 9,3 км ба шарқ аз қуллаи кӯҳи Дузакдара бо нишонаи 5045.4 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 5046) ва тақрибан 8,5 км ба шимол аз баландии бо нишонаи 5262.0 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5267), ки дар қаламрави Тоҷикистон хастанд, тақрибан 6,3 км ба шимолу ғарб аз баландии бо нишонаи 5159 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5158), ки дар қаламрави Хитой аст, воқеъ мебошад.

Аз нуқтаи марзии бисту чорум хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо теғаи қаторкӯҳи Сарикӯл ба самти умумии ҷануб аз тариқи баландии бо нишонаи 5046.6 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5046) то баландии бо нишонаи 5202.9 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5202) меравад, сипас ба самти умумии ҷанубу шарқ аз тариқи ағбаи Каиндӣ бо нишонаи 4906.8 (дар харитаи хитой – ағбаи Бэйлиайлекэдабан бо нишонаи 4906) ва ағбаи Тузакчӣ бо нишонаи 4880.9 (дар харитаи хитой - ағбаи Туцзиахэцидабан бо нишонаи 4880) то баландии бо нишонаи 5063 меравад, сипас ба самти умумии ҷануб аз тариқи ағбаи Бердиш бо нишонаи 4716.7 (дар харитаи хитой - ағбаи Байҷидайсидабан бо нишонаи 4716), ағбаи Оқҷилға бо нишонаи 5029.0 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 5029), қуллаи кӯҳи Глан бо нишонаи 5237.9 (дар

харитаи хитой – бо нишонаи 5238) ва ағбаи Чичиндир бо нишонаи 5142.0 (дар харитаи хитой – бо нишонаи 5142) то баландии бо нишонаи 5465.0 (дар харитаи хитой– баландии бо нишонаи 5465) меравад, сипас ба самти умумии ҷанубу шарқ аз тариқи ағбаи Агаҷан бо нишонаи 5194.0 (дар харитаи хитой - 5104), баландии бо нишонаи 5525.4 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5525) ва баландии беном (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5278), то баландии бо нишонаи 5294.0 (дар харитаи хитой – баландии беном) меравад, сипас гардиш намуда, ба самти умумии ҷанубу ғарб аз тариқи баландии бо нишонаи 5168.0 (дар харитаи хитой – баландии беном) то баландии бо нишонаи 5027.9 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5028) меравад, сипас гардиш намуда ба самти умумии ҷанубу ҷанубу шарқ аз тариқи ағбаи Найзатош бо нишонаи 4476.0 (дар харитаи хитой– бо нишонаи 4476) то баландии бо нишонаи 5308.1 (дар харитаи хитой – баландии бо нишонаи 5308) меравад, сипас ба самти умумии шарқу ҷанубу шарқ аз тариқи баландии бо нишонаи 5490.0 (дар харитаи хитой – баландии беном) то ағбаи Кичикхонюлидаван (дар харитаи хитой - ағбаи Цюнсяняолудабан) меравад, сипас равиши худро бо теғаи қаторкӯҳи Сарикӯл ба самти умумии шимолу шимолу шарқ идома медиҳад, сипас гардиш намуда,ба самти ҷанубу ҷанубу шарқ аз тариқи ағбаи Сарикурумдаван (дар харитаи хитой - ағбаи Пилиндабан) то баландии бо нишонаи 5309.0 (дар харитаи хитой – баландии беном) меравад, сипас ба самти умумии ғарбу ҷанубу ғарб аз тариқи ағбаи Беик бо нишонаи 4742.0 (дар харитаи хитой - ағбаи Кэкэаодяокэдабан) то нуқтаи марзии бисту панҷум меравад. Ин

нуқтаи марзӣ нуқтаи ниҳоии хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой буда, дар қуллаи Повало-Швейковский бо нишонаи 5518.5 (дар харитаи хитоӣ - қуллаи Кэкэлацюйкаолэфен бо нишонаи 5698) дар қаторкӯҳи Сарикӯл ҷойгир мебошад.

Хати сарҳади давлатӣ байни Тоҷикистону Хитой, ки дар боло тавсиф гардид, бо ранги сурх ба харитаи собиқ СССР ва харитаи ҶХХ ба миқёси 1:100 000 гузаронида шуд. Тамоми масофаҳо, ки дар тавсифи хати сарҳади давлатӣ зикр шудаанд, бо ин харитаҳо андозагирӣ шудаанд.

Харитаҳои номбурда, ки дар онҳо хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой бо ранги сурх гузаронида шудааст, ба ин Созишнома замима мешаванд ва ҷузъи ҷудонашавандаи он мебошанд.

**Моддаи 2**

Тарафҳои Аҳдкунанда ба мувофиқат расиданд, ки аҳкоми моддаҳои 1, 4, 5, 6, 7 ва 8 Созишнома байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарҳади давлатии Хитой ва Тоҷикистон аз 13 августи соли 1999, нисбати ин Созишнома низ татбиқ мешаванд.

**Моддаи 3**

Ин Созишнома мавриди тасвиб қарор мегирад ва аз рӯзи мубодилаи тасвибномаҳо эътибор пайдо мекунад. Мубодилаи

тасвибномаҳо дар муддати кӯтоҳтарин дар шаҳри Душанбе ба амал хоҳад омад.

Ин Созишнома дар шаҳри Пекин 17 маи соли 2002 дар ду нусха ба забонҳои хитой, тоҷикӣ ва русӣ ба имзо расид. Дар сурати ихтилоф дар тафсири ин Созишнома Тарафҳои Аҳдкунанда ба матнҳои хитой ва русӣ эътимод хоҳанд кард.

| АЗ ҶОНИБИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ | АЗ ҶОНИБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН |
| --- | --- |
| 江泽民 |  |